# Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

## СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2023

ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

**Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**
**дар семоҳаи дуюми соли 2023**

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд Хазина) фаъолияти худро дар семоҳаи дуюми соли 2023 бахри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи таъмини пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар идома дод.

***Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо.*** Ба ҳолати 30 июни соли 2023 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 31 адад ташкилоти қарзӣ шомил мебошад, ки аз он 12 ададро бонкҳо, 18 ададро ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ва 1 ададро ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) ташкил медиҳанд.

Ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (адад)

| **Номгӯи ташкилоти қарзӣ** | **30.06.2022** | **30.06.2023** | **Фарқият (+/-)** |
|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 12 | 12 | 0 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) | 18 | 18 | 0 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) | 0 | 1 | +1 |
| **Ҳамагӣ** | **30** | **31** | **+1** |

Дар давраи баррасишаванда як адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ҶДММ ТАҚХ “Тамвил” бинобар бозхонд кардани иҷозатномаи он барои анҷом додани амалиёти бонкӣ (қарори Раёсати БМТ аз 12.05.2023 сол, №54) аз Феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазина хориҷ карда шуд.

***Пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ ва сохтори он.*** Дар семоҳаи дуюми соли ҷорӣ раванди афзоиши устувори ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда идома ёфт. Аз ҷумла, ба ҳолати 30 июни соли 2023 ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда 6 428,2 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба семоҳаи якуми соли ҷорӣ 19,5 фоиз афзуд. Шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда 1,7 млн. нафарро ташкил дода, ба андозаи 11,6

фоиз зиёд шудааст. Афзоиши солонаи ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда бошад 71,9 фоиз ва шумораи пасандоздорон 85,1 фоизро ташкил дод.

Раванди мусбии мазкур тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, асосан бо омилҳои вазъи муътадили макроиқтисодӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ ва тадриҷан баланд гардидани эътимоди аҳолӣ ба он, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", инчунин афзоиши ҷолибнокӣ ва фоизҳои миёнавазни пасандозҳои мухлатнок алоқаманд буд.

**Ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда (млн. сомонӣ)**




**Шумораи пасандоздорони суғурташуда (ҳаз. нафар)**



Бо вуҷуди ин, дар соли баррасишаванда тамоюли афзоиши сатҳи долларикунонии пасандозҳои суғурташуда ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар сохтори пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 54,6 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 45,4 фоизро ташкил дод, ҳол он ки нишондиҳандаҳои мазкур дар аввали сол мувофиқан бо пули миллӣ 66,4 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 33,6 фоизро ташкил медод.

**Сохтори асъории пасандозҳои суғурташуда (бо фоиз)**




Таҳлили сохтори пасандозҳои суғурташуда нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии пасандоздорон маблағи 98,4 фоизи онҳо дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шуда, 1,6 фоизи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд аст, қисман фаро гирифта шудаанд.




Дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шудани 98,4 фоизи пасандоздорон нишондиҳандаи баланд буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда шудаанд.

Вобаста ба афзоиши назарраси ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда ва суратҳисобҳои пассандозӣ, ҳаҷми умумии уҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташуда низ дар семоҳаи дуюми сол нисбатан зиёд гардид. Аз ҷумла, ба санаи 30 июни соли 2023 уҳдадориҳои умумии суғуртавии Хазина маблағи 2 488,8 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ 17,5 фоиз ва ҳамин давраи соли гузашта 49,6 фоиз зиёд мебошад.

**Уҳдадории суғуртавии Хазина ва афзоиши он (млн. сомонӣ ва бо фоиз)**




***Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда.*** Дар семоҳаи дуюми соли ҷорӣ дар ягон ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ наомад.

Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина дар солҳои 2016-2022

| Ташкилоти қарзии бархамхӯрда | Ба ҳолати 31.12.2022 | Ба ҳолати 30.06.2023 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 6 | 6 | 0 |
| ТАҚХ | 12 | 12 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **18** | **18** | **0** |

Дар давраи баррасишаванда пасандоздорон ва намояндагони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" оид ба тамдиди муҳлати гирифтани маблағи ҷубронпулии суғуртавӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон" бо ариза ба Хазина муроҷиат кардаанд, ки аз тарафи Хазина ба 15 нафар пасандоздорони бонкҳои мазкур ба маблағи 233 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт карда шуд. Аз санаи 1 июли соли 2022, яъне аз давраи анҷоми муҳлати яксолаи пардохти ҷубронпулӣ то инҷониб аз тарафи Хазина ба 74 нафар пасандоздорони бонкҳои мазкур ба маблағи 1 168,7 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт карда шуд.

Дар маҷмуъ, аз соли 2016 то санаи 31.06.2023 сол Хазина ба пасандоздорони суғурташудаи 18 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда ба маблағи 211,7 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст (аз ҷумла, ба пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" – 133,2 млн. сомонӣ ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк – 55,1 млн. сомонӣ).

***Нишондиҳандаҳои молиявии Хазина***. Дар давраи баррасишаванда вобаста ба иҷрои вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон, раванди мунтазам афзоиши дороиҳои Хазина ба назар расид. Ба ҳолати 30 июни соли 2023 дороиҳои Хазина маблағи 178,3 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 26,5 фоиз зиёд мебошад.

**Суръати афзоиши солонаи дороиҳо (%)**




**Андозаи ниҳоии маблағи Хазина (%)**




Афзоиши дороиҳои Хазина асосан аз ҳисоби пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина дар натиҷаи зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ вобастагӣ дошт. Аз ҷумла,

пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина дар семоҳаи дуюм маблағи 11,8 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 80,0 фоиз зиёд мебошад.

Яке аз манбаҳои дигари ташаккули дороиҳои Хазина даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, дар шароити имкониятҳои мавҷудаи бозори коғазҳои қиматнок Хазина дар давраи баррасишаванда маблағҳои озоди худро танҳо ба коғазҳои қиматноки давлатӣ бо меъёри фоизи то андозае паст сармоягузорӣ намуд. Аз ҷумла, Хазина аз аввали сол дар 4 музоядаи Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фоизи даромаднокии 0,99 фоизи солона ғолиб омад. Даромади Хазина аз ҳисоби коғазҳои қиматнок дар ин давра 496,5 ҳаз. сомониро ташкил дод.

***Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии Хазина.*** Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ ислоҳоти калидӣ, ки ба рушди фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо равона гардидааст, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" (аз 15 марти соли 2023, №1961) мавриди амал қарор гирифт.

Лоиҳаи Қонуни мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина бо пешниҳоду тавсияҳои мутахассисони байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ ва матритсаи чораҳои сиёсии «Барномаи таҳкими бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ»-и Бонки осиёии рушд таҳия гардид.

Тағйиру иловаҳо ба Қонун бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, тавсеа додани фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо, васеъ намудани миқёси фарогирии суғуртавии пасандоздорон, таҳкими устувории молиявии Хазина ва зиёд намудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар равона гардидаанд.

Мутобиқи тағйиру иловаҳои мазкур доираи объектҳои ҳатмии суғурта васеъ шуда, минбаъд дар қатори пасандозҳои шахсони воқеӣ, инчунин суратҳисобҳои амонатию пасандозии соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо суғуртакунӣ фаро гирифта мешаванд. Бинобар ин, номи қонуни амалкунанда дар таҳрири нав — «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» муайян карда шуда, Хазина низ ҳамчун "Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон" номгузорӣ карда шудааст.

Илова бар ин, андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ зиёд карда шуда, он новобаста аз намуди асъор дар як андозаи муайян - на бештар аз 35 000 сомонӣ муқаррар карда шуд.

**Афзоиши андозаи ҷубронпулии суғурта (ҳаз. сомонӣ)**




Бо қабули Қонуни мазкур фаъолияти Хазина ҷанбаҳои хуби таҷрибаи байналмилалиро фаро гирифта, дастгирии молиявии пасандоздорон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзӣ бо афзудани ҷуброни суғурта беҳтар ва самарабахш гардида, ҷиҳати баланд гардидани боварӣ ва афзоиши амонату пасандозҳо дар низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

Вобаста ба ин, Хазина маҷмӯи чорабиниҳоро ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ва такмил додани тамоми санадҳои меъёрии дохилӣ, баҳисобгирии пардохтпулиҳо, таҳлилу арзёбии сохтори пасандозҳо, инчунин раванди корҳои фаҳмондадиҳиро андешида истодааст.

***Фаъолияти ташвиқот ва робита бо ҷомеа.*** Таблиғот ва ташвиқоти аҳолӣ оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ яке аз вазифаҳои асосии Хазина ба ҳисоб меравад.

Дар давоми давраи баррасишаванд дар сомонаи расмии Хазина (www.idif.tj) ва шабакаҳои иҷтимоӣ (фейсбук, телеграм) маводҳои иттилоотию таҳлилӣ, эълонҳо ва ахборотҳо мунтазам нашр карда шуданд.

Дар самти қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон дар семоҳаи дуюми соли 2023 ба Хазина дар маҷмӯъ 41 адад арзу муроҷиатҳои

шаҳрвандон, аз ҷумла пасандоздорон ва намояндагони онҳо дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ ва электронӣ ворид гардиданд. Мазмуну муҳтавои қариб ҳамаи муроҷиатҳои ба Хазина воридшуда бо масъалаҳои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда, бахусус ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва ҶСК "Агроинвестбонк" вобастагӣ доштанд, ки аз ҷониби Хазина ба дархостҳои муроҷиатҳои шаҳрвандон ҷавобҳои муфассал дода шуд.